Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-062 назди Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30; e-mail: p.rektora@mail.ru)

# ТАҚРИЗ

**ба афтореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст.**

Имрӯз рушди устувори иқтисоди миллиро бе соҳаи саноат ва истифодаи самараноки захираҳои табиию зеҳнии ҷомеа тасаввур намудан ғайриимкон аст. Бинобар ин, яке аз мавзӯъҳои муҳим ва мубрам, ки сиёсати иқтисодии кишварро дар ин раванд муайян месозад, ин раванди саноатикунонии босуръати кишвар бо истифодаи васеи усулҳои инноватсионӣ дар раванди истеҳсоли молу маҳсулот мебошад.

Сиёсати саноатикунонии босуръат роҳи стратегӣ ва дурнамои рушди Тоҷикистонро муайян карда, ҳамчун муҳаррики асосии рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ баромад мекунад. Ин раванд воситаи муассири афзоиши истеҳсол, шуғли аҳолӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, инчунин рушди илм ва технология мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадиди бозорӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ва рушди инноватсионии иқтисодиёт на танҳо як чорабинӣ, балки шарти асосии расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар дар пояи истифодаи инноватсия дар соҳаи истеҳсолот ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти суханҳои болозикр мавзӯи рисолаи диссертатсионии тақризшавандаро, ки ба омӯзиши масъалаҳои назариявӣ, институтсионалӣ ва амалии саноатикунонии босуръати инноватсионӣ бахшида шудааст, муҳиму рузмарра ҳисобидан мумкин аст.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки муаллиф дар кори илмии худ асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии идоракунии равандҳои инноватсиониро дар сатҳи миллӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Муаллиф моҳият ва сохтори системаи идоракунии инноватсионӣ, принсипҳо ва усулҳои ташаккули он, инчунин таҷрибаи кишварҳои хориҷиро таҳлил намуда, дар ин раванд вазъи муосири рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро маврид таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода, мушкилот ва имкониятҳои рушди минбаъдаи онро муайян намудааст. Илова бар ин, аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқот нақши ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот ҳамчун омили калидии рушди инноватсионӣ нишон дода шуда, зарурати истифодаи технологияҳои рақамӣ ва принсипҳои иқтисоди «сабз» - ро барои баланд бардоштани самаранокии раванди идоракунии низоми саноати миллӣ асоснок шудааст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки имрӯзҳо маҳз тавассути таҳкими иқтидори илмиву инноватсионӣ, татбиқи технологияи муосир, рушди кластерҳои саноатии минтақавӣ ва ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ метавон ба татбиқи пурраи ҳадафи стратегӣ – саноатикунонии босуръати инноватсионӣ ноил гардид. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба тавозуни байни манфиатҳои иқтисодӣ ва экологӣ, таъмини рушди устувори иҷтимоӣ ва тақвияти амнияти иқтисодии кишвар мусоидат менамояд.

Дар автореферати унвонҷӯ қайд шудааст, ки: “Аҳаммияти соҳаи саноат дар таъмини рушди минбаъдаи мамлакат ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин кардани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ нақши ҳалкунанда дорад ва вобаста ба ин, таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ сурат гирифта истодааст”. Пас, зарурати таҳкими иқтидорҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосири инноватсионӣ бештар мегардад. Дар ин замина, рушди соҳаи саноат на танҳо ҳамчун омили асосии афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва таъмини ҷойҳои нави корӣ, балки ҳамчун воситаи муҳим барои татбиқи иқтисоди “сабз”, истифодаи самараноки захираҳои

табиӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ баромад мекунад. Ҳамзамон, ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ ва дастгирии давлатӣ ба фаъолияти инноватсионӣ имкон фароҳам меорад, то ки саноати миллӣ ба сатҳи истеҳсолоти нав ва рақобатпазир барояд.

Дар автореферат мавқеи махсусро таҳияи заминаи назариявию методологӣ ва амалии системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Дар ин замина, таваҷҷуҳ ба муайян намудани моҳият, сохтор ва принсипҳои асосии ин низом равона гардида, он ҳамчун объекти мураккаби идоракунӣ баррасӣ мешавад, ки маҷмӯи институтҳои инфрасохторӣ, ташкиливу иқтисодӣ ва илмиро муттаҳид менамояд. Ба ақидаи муаллиф мақсади асосӣ ин таҳкими рақобатпазирӣ ва устувории саноат, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, пешбурди ҳамгироии илм, таҳсилот ва истеҳсолот, ҳамчунин гузариш ба иқтисоди "сабз" дар асоси инноватсия ва технологияи муосир мебошад.

Ба андешаи мо, мавқеи илмии муаллиф ба зарурати такмили механизмҳои институтсионалӣ ва иқтисодии идоракунии инноватсия, таъмини иттилоотии рақамӣ ва эҷоди муҳити мусоид барои татбиқи технологияҳои нав асос ёфта, барои татбиқи ҳадафи чорум – саноатикунонии босуръати кишвар ва расидан ба мақсадҳои рушди устувори миллӣ заминаи назариявӣ ва амалӣ фароҳам меорад.

Дар диссертатсия новобаста аз мавҷуд будани арзиши баланди илмӣ, чунин норасоиҳо ба мушоҳида мерасад:

1. Дар расми 1 муаллиф марҳилаҳои рушди соҳаи саноати Тоҷикистонро нишон дода аст. Аммо дар расми мазкур давраҳои таърихии рушди саноати Тоҷикистони шуравӣ дида намешавад, дар ҳоле, ки яккатор объектҳои саноатии кишвар аз он замон боқӣ мондаанд.

2. Дар автореферат (саҳифаи 34) муаллиф ҷанбаҳои асосии нақши ниҳодҳои давлатӣ дар идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноатро дида баромадааст (ҷадвали 4). Аммо, мушаххас дар хусуси истифода онҳо дар шароити Тоҷикистон чизе оварда нашудааст.

3. Дар муқаррарори шашуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки арзёбии тарафҳои мусбату манфии консепсияҳои муосири ҳамгироии саноатӣ ва коркарди консепсияи ҳамгироии инноватсионӣ, унсур, мақсад ва афзалиятҳои асосии он дар саноат, тавсифи сохтори муносибатҳои ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолотро дар бар мегирад, принсипҳои ҳамгироӣ дида баромада нашудааст.

Лозим ба таъкид аст, ки эродҳои овардашуда арзишу аҳамияти диссертатсияи иҷрогардидаро коста намегардонанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар автореферати диссертатсия ва мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳо ва конфронсҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ба нашр расидаанд, инъикос ёфтаанд.

Хулоса, афтореферати диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзӯи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, Муртазозода Ораз сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**Академики АМИТ, доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, Президенти Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон** **Хушвахтзода Қ.Х.**

Имзои “ Хушвахтзода Қ.Х.”-ро тасдиқ менамоям.

**Мудири шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси АМИТ** **Акрамзода Т.С.**

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33,
тел.: +992 (37) 221 87 64, факс: + 992 (37) 221 71 00, E-mail: info@anrt.tj